«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода профессор Раҷабзода Маҳмадулло
«2»-юми январи соли 2020

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.- Забоншиносӣ (6D0205011.- Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ).**

Дар солҳои охир таваҷҷӯҳи олимону муҳаққиқон ба муқоисаи забонҳо хеле зиёд гардидааст ва ин аз тақвияти равобити тамаддунҳо гувоҳӣ медиҳад. Агар ба ҳолати кунунии таҳқиқоти муқоисавии забонҳои гуногуннизом назар афканем, ҳувайдо мегардад, ки то ин замон дар соҳаи забоншиносӣ корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд, вале таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар заминаи ду забони тавоно - тоҷикӣ ва англисӣ аз мадди назари забоншиносон то андозае дур мондааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар бахши забоншиносии муқоисавӣ ба шумор меравад. Ба ин маънӣ, диссертатсияи Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст.

Аз ин хотир, докторант диссертатсияро аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол ба таври муқоисавӣ таҳқиқ нагардидани воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзӯи воситаҳои алоқаи наҳвӣ аз ҷониби забоншиносони англис ва рус дар алоҳидагӣ таҳқиқ

гардидааст, вале ҳоло ҳам масъалаҳое вуҷуд доранд, ки ба омӯзиши амиқ ниёз доранд. Дар забоншиносии тоҷик гарчанде ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили воситаҳои алоқаи **наҳвӣ** дар забони тоҷикӣ таваҷҷӯҳ шуда бошад ҳам, вале муқоисаи он бо забонҳои дигар ҳанӯз аз назари муҳаққиқон берун мондааст.

Диссертатсияи номзадии Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки маҳз ҳамин қисмати илмиро пур мекунад, аз муқаддима, се боб, нуздаҳ зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, фаслҳои «Мафҳумҳои ибора ва ҷумла дар забоншиносӣ», «Мафҳуми «воситаи алоқа» дар забоншиносӣ» ва «Намудҳои асосии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»- ро дар бар мегирад. Дар боби мазкур шарҳи мафҳумҳои ибора ва ҷумла, воситаи алоқа ва намудҳои асосии воситаи алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисашванда марвиди баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамчунин, дар фасли мазкур муҳаққиқ аслан ба таҳқиқотҳои то ин замон анҷомдодаи В.В.Виноградов, Ҳ.Суит, О.Есперсон, Ф.Ф.Фортунатов, В.В.Бурлакова, Б.А.Ильиш, Г.Я.Солганик, Н.С.Фигуровский, забоншиносони тоҷик – Д.Т.Тоҷиев, М.Норматов, Б.Ниёзмуҳаммадов, С.Атобуллоев, А.Мирзоев, Ф.Зикриёев, М.Қосимова, А.Солиев ва Э.С. Улуғзода ва дигарон бисёртар такя намудааст.

Боби мазкур бо натиҷагириву хулосаҳои амиқи илмии докторант ҷамъбаст гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Алоқаи пайваст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он воситаҳои алоқаи пайваст ҳамчун яке аз қисматҳои асосии воситаҳои алоқаи наҳвӣ мавриди баррасӣ ва пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Ҳувайдост, ки дар ҳар ду забон ҳам алоқаи пайвасти калимаю таркибҳо ба воситаи оҳанг ва пайвандакҳои пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ

ифода меёбад. Алоқаи пайвасти калимаю таркибҳо дар байни аъзои чидаи ҷумла воқеъ мегардад. Дар сурати бо алоқаи пайвасти пайиҳам чида шудани аъзои ҷумла (ё ҷузъҳои ибора) аксар чунин ҳолат мушоҳида мешавад, ки аъзоҳои чидаи аввал бо интонатсияи пайваст, вале аъзои чидаи охир бо интонатсия ва пайвандак (бештар бо «ва»), инчунин бо аъзоҳои чидаи пешомада алоқаманд мешавад. Боби мазкур аз чаҳор фасл иборат аст. Дар боби мазкур алоқаи пайвасти пайиҳам, пайвасти хилофӣ, пайвасти ҷудоӣ ва алоқаи бепайвандак мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор мегиранд.

Боби сеюми диссертатсия – «Алоқаи тобеъ дар забонҳои муқоисашаванда» унвон дошта, аз дувоздаҳ фасл иборат мебошад, ки ҳар фаслу зерфаслҳои он бо натиҷагириҳо ва тавсияҳои мушаххаси докторант ҷамъбаст шудаанд. Дар боби мазкур роҳҳои ифодаи алоқаҳои вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегиранд.

Мавзӯе, ки дар диссертатсия мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст, бешубҳа, мубрам буда, барои илми забоншиносии муосири тоҷик аҳамияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бахши грамматика ва назарияи он таҳқиқоти тоза ва мубрам маҳсуб мешавад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро карда, як кори пурра ва пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар аввали диссертатсия муаллиф ба таҳлили диахронии мавод ва истифодаи методи муқоисавӣ-таърихӣ таъкид менамояд, вале дар диссертатсия ин масъала ба чашм намерасад.
2. Дар диссертатсия баъзе аз асарҳои илмии вобаста ба мавзӯи диссертатсия истифода нашудааст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосоти кам оварда шудааст, аз ин рӯ, андешаронии муаллиф роҷеъ ба баъзе масъалаҳо норавшан мондааст (саҳ. 55, 65, 78 ва ғ.).

4. Дар раванди таҳқиқот муаллифи диссертатсия бештар ба масъалаҳои назариявии мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик таваҷҷӯҳ намудааст, агар ба таҳқиқи мавзӯи фавқ дар забоншиносии англисӣ жарфтар таваҷҷӯҳ мегардид, хеле хуб мешуд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникиву китобат ба чашм мерасанд (саҳ. 31, 35, 39 ва ғ.).

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта халале ворид намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳшаванда буда, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина батабърасонидаи докторант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳристи таълифоти Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 16 номгӯйи мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300.– Забоншиносӣ (6D0205011.– Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул шудааст. Дар ҷаласа 32 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 32 нафар, «муқобил» -нест, протоколи №5, аз 25-уми декабри соли 2019.

**Раиси ҷаласа,** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Иматшоева Мунира Бандишоевна

**Эксперт**, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улугзода Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

**Котиби ҷаласа,** ассистенти кафедраи филологияи англиси
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Ҳалимзода Зулолаи Абдуқаҳҳор

Нишонӣ:744025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7
Тел: 232-50-00, 232-50-03
Моб: (992) 988135110
E-mail: zubaidullo@gmail.com

Имзоҳои З.М. Мусоямов, М.Б. Иматшоева
ва З.А. Ҳалимзодаро тасдиқ мекунам,
мудири шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

25.12.2019